## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзӯи «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1994-2019», ихтсоси 07. 00. 02.- Таърихи умумӣ. Душанбе-2022**

Таҳқиқи таърихи давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон якё аз вазифаҳои муҳим ва мубрами олимони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, фалсафа ва умуман илмҳои ҷомеашиносӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин давра, баъд аз пош хӯрдани Давлати Шуравӣ ҷумҳуриҳои он соҳиби истиқлолият шуданд, вале бинобар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ мушкилиҳои зиёд ба вуҷуд омаданд ва мардуми кишвар таҳти сарварии Асосгузори сулҳ ва вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рафъи онҳо ва ба вуҷуд овардани низоми нави давлатдорӣ оғоз намуд. Дар Тоҷикистон низоми бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омад ва яке аз ҳизбҳое, ки дар шароити нав барои таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ва мавқеи устувор пайдо кардани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ саҳми назаррас гузошт, ҲХДТ таҳти сарварии раиси он Эмомалӣ Раҳмон буд.

Аз автореферати Ш. Қурбонова маълум мешавад, ки дар ҳамин давраи хеле душвор ва таҳкими пояҳои истиқлоли кишвар нақши ҲХДТ нақши бузургро дар таърихи навини кишвар бозида, муаллиф онро мавриди омӯзиш ва баррасии васеи илмӣ қарор додааст. Муаллиф мубрамияти мавзуи интихоб кардаи худро дуруст ва боварибахш зикр карда, давраҳои таҳаввул ва фаъолияти ҲХДТ-ро аз ҳуҷҷатҳо ва санадҳои расмӣ ва таҳқиқоти олимон ба таври саҳеҳ муайян намудааст. Дар воқеъ, диссертант дуруст навиштааст, ки таҳқиқоти мазкур таърихи ташаккул ва рушди 25-солаи ҲХДТ-ро фаро мегирад. Дар ин давра ҳизб бисёр воқеаҳои таърихиро аз сар гузаронид ва бевосита дар ҳамаи дастовардҳои Тоҷикистон дар сафи пеши сиёсӣ ва идеологӣ қарор дошт. Ташаккулёбии ҳизб дар давраи мушкилот ва муборизаҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа, яъне солҳои мудҳиши ҷанги

шаҳрвандӣ (1992-1997) ва давраи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994-27 июни соли 1997) рост омада, аъзои он дар фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (1997-2001) фаъол буданд.

Фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ дар давраи «барқарорсозии баъд аз низоъ» ва рушду нумуви Тоҷикистони соҳибистиқлол солҳои 2001-2016 боз ҳам пурсамар гардид. Ин давраест, ки ҲХДТ дар фазои сулҳу осоиштаи кишвар тамоми неруҳои зеҳнӣ ва захираҳои инсонии худро барои татбиқ ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ва барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, барномаи рушд, ки асосан ба се самт: таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикӣ нигаронида шудааст, сафарбар намуда буд.

Муаллифи рисола дараҷаи омӯзиши мавзуро хеле муфассал матраҳ сохта ва маълум мешавад, ки асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои давлатӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳқиқоти пешбинишудаи зиёдро, ки таърихи фаъолияти ҲХДТ-ро аз рӯйи онҳо тасвир кардан мумкин аст, дақиқан омӯхтааст ва дар ин замина асари ҷамъбастиерс таълиф намудааст.

Пеш аз ҳама диққатро навгонии рисола ҷалб мекунад. Ин рисола асарест, ки дар он аввалин бор нақши ҲХДТ ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти ҲХДТ-ро б таври гуногун инъикос намудаанд, бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нуқтаи назари илмӣ қиёсгузорӣ карда шудааст. Диссертант ба корҳои илмии то имрӯз анҷомдодаи муҳаққиқон марбут ба фаъолияти ҲХДТ баҳои илмӣ медиҳад.

- Як ҷиҳати навигарии кор ин аст, ки фаъолияти Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва хориҷаи ӯ аз нуқтаи назари илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, муаллиф пешниҳоди худро дақиқан баён намудааст, ки барои кормандони ҲХДТ, олимони соҳаи таърихи ватанӣ,

кормандони давлатӣ низ воситаи муҳими омӯзиш аст.

Диссертант дар чаҳор боби рисола, тавре аз автореферат маълум мешавад, доир ба заминаҳои таърихӣ ва сиёсии таъсисёбии ҲХДТ, дар асоси ташаккулёбии он, нақши он дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии кишвар дар солҳои фаъолияти ин ҳизб ва ташаккули сохтории ҳизб маълумотҳои ҷолиб дода, таҳлили илмии хубро анҷом додааст.

Феҳристи мақолаҳои илмии муаллиф ва монорафияҳои нашр намудаи ӯ хеле зиёд буда, мазмуну муҳтавои рисолаи доктории ӯро ба таври зарурӣ инъикос кардааст. Таҷрибаи муаллиф, ки дар сохторҳои давлатӣ, парламенти кишвар, соҳаи маориф ва ташкилоти ҳизбӣ андӯхтааст, барои таълифи ин рисола нақши муҳим дорад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, ақида. дорам, ки диссертатсияи Қурбонова Ширин Исмоиловна ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии доктори илмҳои таърих мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
академики АМИТ Кароматулло Олимов

8.12.22.